## Меъёри бозтамвил 0,25 банди фоизӣ баланд бардошта шуд.

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №30 аз 19 августи соли 2022 ҷиҳати 0,25 банди фоизӣ баланд бардоштани меъёри бозтамвил ва дар сатҳи 13,5 фоизи солона муқаррар намудани он қарор қабул гардид. Қарори мазкур дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт бо назардошти боқӣ мондани фишорҳои зиёди таваррумӣ, идома ёфтани ноустувориҳои нархҳои ҷаҳонӣ ва баланд будани интизориҳои таваррумии аҳолии кишвар қабул карда шуд.